«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
______________ Ибодуллозода А.И.
«_26_» ______03______ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Нурулҳақ Қ. дар мавзуи "Салафия: назария ва амалия" мазмунан ва мантиқан ба талаботи шиносномаи ихтисоси 09.00.14 – фалсафаи дин ва диншиносӣ (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала.** Таҳқиқоти диссертатсионии Нурулҳақ Қ. таҳқиқоте мебошад, ки онро муаллиф дар такя ба сарчашмаҳои исломӣ, осори намояндагони ҳаракати салафия, имомони мазҳабҳои исломи суннӣ, осори илмие, ки доир ба ин мавзуъ навишта шудаанд, анҷом додааст. Саҳми шахсии довталаб дар таҳлилу баррасии илмии нуктаҳои муҳими таълимоти салафия, фош кардани моҳияти иртиҷоию зиддимиллӣ ва ифротии он, нишон додани зарару хатарҳои он ба ҷомеаи дунявӣ, ба хусус ҷомеаи Тоҷикистон ва истиқлолияти он мебошад. Натиҷаҳои илмии кор, хулосаҳои назариявӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, навгонию истифодаи методҳои мувофиқи назариявӣ ва умумиилмӣ, тавсияҳо барои истифодаи амалии кор дастоварди бевоситаи муаллиф мебошанд. Дурустии хулосаҳо ва натиҷаҳои корро маърузаҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ, рисолаҳою мақолаҳои нашршудаи муаллиф тасдиқ менамоянд.

Ҷаҳони муосир нисбат ба давраҳои гузашта хеле пуртаззоду камшакашҳои мухталиф аст. Зеро зиёд гардидани аҳолӣ дар рӯйи замин, норасоии озуқа, муборизаи дину ойину фарҳангҳои гуногун, манфиатҳои миллию қавмӣ, мазҳабию маданӣ ва ғайра, аз як тафар, ва аз тарафи дигар, рушди бемайлони илму техника дар як қатор давлатҳои абарқудрат, дастрасии иттилоот, робита доштани ҳар як фард бо тамоми сайёра, аз тарафи дигар, тақозои онро доранд, ки дар масъалаи ҳифзи

забону фарҳанг ва расму ойин кишварҳои нисбатан хурд муносибатро бо ҷомеа дигаргун созанд, вагарна ҷомеадорӣ ва давлатдорӣ карда наметавонанд. Як худи глобализатсия, ки аслан европо-американизатсияи забону фарҳанги олам аст, бешубҳа ба рушди забону фарҳанги миллии кишварҳои хурд таъсири манфӣ расонида истодааст. Глобализатсия, ки пеш аз ҳама бо роҳи иттилооти рақамӣ, торнамои Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дастраси анқариб тамоми мардуми сайёра аст, метавонад бо тарғиби ҳаргуна фикру ақидаҳои зоҳиран хайрхоҳона барои ҷомеа, вале ботинан комилан зарарноку аҳриманӣ ба ин ё он ҷомеа таъсири манфӣ расонида, рушди ҷомеаро халалдор, худи ҷомеаро ноором, мардумро ба роҳи зиддимилию зиддибашарӣ роҳнамоӣ кунанд.

Ғарбиён, ки имрӯз зоҳиран бо роҳи демократия, баробарию бародарӣ ва ошкорбаёнӣ рушди бемайлон доранд, ҳанӯз ҳам дар ботини худ хуни империалистиашонро ҳифз карда, бо баҳонаи озодию ошкорбаёнӣ мехоҳанд мардуми олами исломро, ки нуктаи заъфашон дин аст, бо роҳи тарғиби мазҳабҳои мухталифи ба ҳам муқобил мусаллаҳ сохта, онҳоро дар ҳоли мунокиша, ҷангҳои мазҳабӣ, қафомондагӣ ва вобастагӣ нигоҳ доранд. Мазҳаби салафия, ки тайи чандин соли ахир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва минҷумла дар Тоҷикистон реша давонда истодааст, маҳз ба ҳамин хотир аст. Имрӯз донишмандону аҳли зиёи кишварҳои мусулмониро зарурат пеш омадааст, ки акнун аз ақли солим кор гирифта, ба истилоҳ “мӯйро аз хамир”, “дӯстро аз душман” ҷудо намоянд ва фирефтаи бозиҳои сиёсии абарқудратҳо нагарданд. Хушбахтона чунин рафтори душманони дӯстнаморо дар ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳам аҳли илм ва ҳам сиёсатмадорон хуб мефаҳманду медонанд, вагарна роҳбари олии мамлакатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми бaромаду суханрониҳояшон аз “зиракии сиёсӣ” ва эҳтиёт кардан аз “радикализми динию ифротгароии динӣ”, тарбия кардани ҷавонон дар руҳияи ватандӯстию фарҳанги миллӣ сухан намегуфтанд.

Масъалаҳои болозикрро ба назар гирифта, донишманди диншиноси тоҷик Нурулҳақ Қамар дар атрофи масъалаи салафия, аз замони пешазислом то ба имрӯз таҳқиқоти густурда, васеъ ва дорои таҳлилҳои амиқеро пешорӯи хонанда ва аҳли илм гардонидааст, ки боиси дастгирӣ ва шоистаи таҳсин аст. Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, 11 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби якуми диссертатсия “**Салафия дар ибтидои таърихи ислом**” аз 3 зербоб иборат буда, дисертант дар зербобҳои он истилоҳи “салаф” ва

таҳаввули маънои луғавии онро дар таърихи ислом шарҳу тавзеҳ медиҳад. Баъдан масъалаи салафия ва иртиботи он бо одатҳои тоисломии араб, инчунин масъалаи мубориза барои тарғиб ва њифзи "ислолми пок" мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудаанд. Назар ба қавли диссертант салафия на фақат ҷараён, балки мазҳаби алоҳидаи ислом буда, дар кишварҳои гуногун вобаста ба манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии абарқудратҳои ғарбӣ дар шаклҳои гуногун амал карда, аслан ба анъанаю суннатҳои пешазисломии араб рабт дорад ва ба тарғиби арабгароию ҳифзи фарҳанги араб машғул аст. Дар умум, диссертант ин ҷараёнро ҷараёни сиёсӣ-динии ифротӣ муаррифӣ кардааст, ки бе шак дуруст аст.

Боби дуюми кори диссертатсионӣ "**Муборизаи салафия бо ақлгароӣ ва илму фалсафа**" бошад аз 4 зербоб иборат аст. Дар ин боб нахуст масъалаи ихтилофи салафия ба фарҳанги миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, диссертант бо далелҳои муътамад ва таҳлилҳои мӯшикофона хатару таҳдидҳои ҷараёни салафияро ба фарҳанги миллии тоҷикӣ нишон медиҳад. Таҳлилу баррасиҳои диссертант дар ин зербоб хонандаро ба чунин хулоса мерасонанд, ки рушди салафия дар мағзи мардум, хусусан ҷавонони тоҷик ба ҷуз бегонапарастӣ, илмситезӣ (илми замонавии дунявӣ) ва ифротгароӣ дигар чизеро парвариш нахоҳад кард. Дар зербобҳои дигари боби мазкур масъалаҳои Имом Ҳанбал ва муборизаи ӯ бо муътазила ва ақлгароӣ, мақоми Ибни Таймия дар фиқҳи ҳанбалия, Муҳаммад Ғаззолӣ дар ҳимояи салафия ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар зербобҳои мазкур диссертант нақш ва ҷойгоҳи донишмандони теологи асримиёнагие чун Имом Ҳанбал, Ибни Таймия ва Муҳаммад Ғаззолиро дар ҷонибдорӣ аз ҷараёни салафия ва рушди он нишон дода, ба рушди илми дунявӣ ва ақлгароӣ чи гуна зарар расонидани онҳоро дар олами ислом илман асоснок намудаву пешкаши хонанда гардонидааст.

Боби сеюми кори диссертатсиониро муҳаққиқ ба баррасии масъалаи "**Ваҳҳобия ва ҷунбиши бунёдгароӣ дар ҷаҳони ислом**" бахшида, дар зербобҳои он ваҳҳобия ва идеяи "исломи ноб", ҳамчунин таълимоти ваҳҳобия ва ривоҷи ифротгароӣ дар исломро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба таҳқиқи диссертант равияи ваҳҳобия яке аз шохаҳои салафия ба шумор рафта, ба муқобили ақлгароӣ ва озодандешӣ мубориза мебарад ва бо тарғиби радикализми динӣ ифротгароии диниро дар олами ислом ривоҷ медиҳад. Бинобар ин, равияи мазкур барои ҳаргуна давлати дунявӣ, аз ҷумла Тоҷикистон хатари воқеӣ эҷод карда метавонад.

Боби чоруми диссертатсия "**Салафияи муосир: таҳдиду хатарҳои он**" номгузорӣ шуда, вазъи кунунии рушди салафияро дар ҷаҳони муосир, минҷумла Тоҷикистони соҳибистиқлол ифода мекунад. Дар зербобҳои ин

боб робитаи экстремизми исломӣ бо таълимоти салафия ва бунёдгароии исломӣ дар Тоҷикистон ва хатари салафия дар ҳаёти динӣ-сиёсии он таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Диссертант тавонистааст, ки бо далелҳои воқеӣ ва раднопазир хатари радикализми салафияро на фақат барои дунявитяти Тоҷикистони муосир, балки барои худи дини исломи муқаррарӣ дар кишвар нишон диҳад. Ба таҳлил ва таъкиди диссертант имрӯз ҷараёни салафия барои кишварҳои абарқудрати ғарбӣ силоҳи пурқудрате барои идора кардан ва ё лоақал дар ҳолати низоъи доимӣ ва қафомондагӣ нигоҳ доштани кишварҳои олами ислом хидмат карда истодааст.

Хулосаҳои диссертатсия дар 11 банд ва зербандҳо инъикоси худро ёфтаанд. Дар хулосаҳо диссертант ба таври мушаххас зиддимиллӣ, зиддибашарӣ, зиддиилмӣ ва ифротӣ будани ҷараёни салафияро нишон додааст. Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар 7 банд мураттаб гардида, бисёр ба мавқеъ баён гардидаанд. Вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ муаллиф 3 монография, 36 мақола, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр кардааст. Варианти тоҷикӣ ва русии автореферат айни якдигаранд. Автореферат мӯҳияти асосии диссертатсияро ифода карда метавонад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот ба навиштаи диссертант мушаххасан ба таври зайл хулоса мешавад:

- бори нахуст ба таври васеъ маънои истилоҳи “салаф” тибқи сарчашмаҳои исломӣ - Қуръону суннат мавриди таҳлил қарор гирифта, муқаррар гардид, ки агар истилоҳи “салаф”дар сарчашмаҳои исломӣ танҳо маънои “гузашта”, ибрат гирифтан аз таҷрибаи пешиниёнро дошта бошад, минбаъд зери таъсири муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ маънои “исломи пок”, олуданашударо ба худ гирифта, ба мақсади “поксозӣ”-и ислом аз “навоварӣ,” ақлгароию “бидъат” истифода шуд ва маънии равияеро дар ислом гирифт, ки зидди олудагию навовариҳо дар ислом мубориза мекунад;

- нахустин бор робитаи салафия бо расму одат, ҷаҳонбинии тоисломии араб мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва муайян гардид, ки ислом дар заминаи таҷрибаи динӣ-иҷтимоии тоисломии араб қомат афрохтааст ва ҳадафи салафия ҳифзи расму одатҳои ба ислом воридшудаи араб буда, руҳияи арабии таълимоти онро ҳимоя мекунад;

- аввалин бор масъалаи сабабҳои аз “бидъат”-ҳо олуда шудани ислом, ки аз ҷониби салафия ҳамчун далели бозгашт ба “исломи ноб” истифода мегардад, аз нигоҳи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

- бори аввал исбот карда шуд, ки муборизаи салафия ба муқобили ақлгароӣ, илму фалсафа ва дигар навъҳои "бидъат" барои ҳифзи руҳи арабии ислом ва ҳимояи давлатдории араб дар асрҳои миёна ва эҳёи давлати араб, истиқлолияти он дар садаи XVIII сурат гирифтааст. Ин хулосабарорӣ бо нишон додани муборизаи Аҳмад ибни Ҳанбал, Ибни Таймияю шогирдонаш, Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ва салафияи мусир ба муқобили ақлгароию илму фалсафа ва эҳёи "исломи ноб," ки ҳадафаш эҳёи хилофат аст, исбот карда шудааст;

- бори нахуст муносибати ислом ба оини зардуштия, ки муносибати исломро дар кулл ба фарҳанги миллию дунявии мардумони эронитабор муайян карда, имрӯз ҳамчун сарчашмаи ғоявии муносибати салафияи ифротӣ ба фарҳангҳои миллӣ хизмат менамояд ва хусусияти арабӣ доштани идеяи космополитизми исломро фош месозад, ба таври мушаххас ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;

- таҳқиқи таълимоти М. Ғаззолӣ нишон дод, ки муборизаи ӯ ба муқобили илму фалсафа ва боз доштани авом аз омӯзиши калом ва танҳо дар доираи "мазҳаби салаф" ("салафи солеҳин") андеша рондану амал кардани ӯ бо мақсади ҳифзи давлатдории туркони салҷуқӣ анҷом дода шудааст. Ҳамчунин, муайян шуд, ки таълимоти ӯ ба заиф сохтани илму фалсафа ва ривоҷи таассубгароӣ дар олами ислом мусоидат намуда, барои ривоҷи ақидаҳои ифротгароӣ мусоидат кардааст;

- таъсири ҳанбалия ва афкори Ибни Таймия ба равияҳои нави исломи радикалӣ, ки ба мероси арабӣ ва арабизм такя мекунанд, ба мисли ваҳҳобия, Ихвон-ул-муслимин, Ҳизбу-т-таҳрир ва ғайра бори нахуст ҳамаҷониба баррасӣ шудааст;

- дар раванди тахқиқи масъала ошкор гардид, ки зуҳури ваҳҳобия-салафияи иртиҷоӣ ва ривоҷи он танҳо таҷассумкунандаи ормони арабгароён барои эҳёи давлати мутамарказ дар зери салтанати табақаи феодалон набуда, он аз ибтидо силоҳи идеологӣ-сиёсии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои ҳифзи манофеи геосиёсӣ ва геоиқтисодии онҳо дар ҷаҳони ислом низ мебошад;

- бори нахуст роҳҳо ва воситаҳои воридшавии равияҳои радикалии исломӣ ба ҳаёти динии Осиёи Марказӣ, ба вижа Тоҷикистон, ки яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ин кишварҳо мебошад, мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд;

- дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки салафия худ низ як мазҳаби хос дар ислом буда, он дар шаклҳои мухталиф зоҳир мегардад. Дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ асосан салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ паҳн гардидааст, зеро он қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавие,

ки дар ин кишварҳо мафиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ доранд, маҳз ба паҳн кардани ҳамин шакли салафия манфиатдоранд;

- зимни таҳқиқот ошкор гардид, ки салафия ва ҳамаи дигар ҷараёнҳои нави сиёсӣ-динӣ дар ҳамаи шаклҳояшон барои давлати миллию дунявӣ ва фарҳанги миллӣ хатарнок буда, метавонанд амну суботи ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро, на танҳо вайрон созанд, ҳамчунин ин кишварҳоро дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ доранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз чунин нуктаҳо иборатанд: дар коркарди назарияҳои илмии мухталифи усулҳои муқовимат кардан ба паҳншавии ақидаҳои исломгароии ифротӣ; дар пешгирӣ кардани ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ; истифода кардани маводи он дар гузаронидани лексияю суҳбатҳо бо гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва ғайра. Маводҳои кори диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми гузаронидани дарсҳо бо хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, донишҷӯёни миёнаи касбӣ ва касбии олӣ аз фанҳои ҷомеашиносӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ, курси лексия, дастуру воситаҳои таълимӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳқиқотро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷамбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Эродҳо ва хатогиҳо доир ба натиҷагирии диссертатсия.**

Бояд қайд кард, ки дар диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, баъзан камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд, ки ба шумули онҳо метавон инҳоро мансуб донист:

1. Дар диссертатсия салафия ва ҷараёнҳои ба вай монанд аз замонҳои пеш то ба имрӯз дар ҳар кишвару ҷомеа ба таври муфассал таҳқиқ гардидаанд, вале барои боз ҳам равшантар гардидани масъала хуб мешуд, ки диссертант ҷараёни мазкурро бо дигар ҷараёнҳои ифротӣ қиёс мекард, то ин ки ба кадом андоза хатарнок, экстремистӣ, зиддимиллӣ ва

зиддибашарӣ будани ҳам салафия ва ҳам дигар ҷараёну гурӯҳҳои ифротӣ дар ҳадди қиёс муайян мегардид. Яъне ба ин васила муайян мегардид, ки мазҳ кадом равияи ифротӣ ба кадом кишвар хатари бештар дорад ва чӣ бояд кард ва ғ.?

2. Иқтибосҳо аслан дар поварақ пешкаш гардидаанд, вале гоҳ-гоҳ аз Қуръону дигар асарҳо дар қавсайн оварда шудаанд. Иқтибос овардан аз Қуръону дар қавсайн нишон додан ба ҳама маълум аст, вале вақте аз ягон асари дигар иқтибос меорӣ ва дар қавсайн нишон медиҳӣ бояд шарти истифодаи онро низ нишон диҳӣ. Чунин иқтибосот бо рӯйхати адабиёти охири диссертатсия мувофиқат намекунанд. Диссертант шарти чунин тарзи иқтибосовариро дар ягон ҷойи диссертатсия шарҳ надодааст ва хонанда аз он чизе фаҳмида наметавонад. Масалан, дар саҳ. 96 иқтибос аз номи Баздавӣ оварда шуда, дар қавсайн 9:55 нишон дода шудааст. Аммо адабиёти 9 дар рӯйхати адабиёт на Баздавӣ, балки суханронии Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Яъне иқтибоси зикргардида номувофиқ ва носаҳеҳ аст.

3. Ба назар чунин мерасад, ки на ҳамаи адабиёти дар поварақ пешкашгардида, дар рӯйхати адабиёт ҷой доранд. Масалан, повараќи саҳ. 68: Устод Ҷаъфари Субҳонӣ. Фурӯғи абадият...-ро дар рӯйхати адабиёт пайдо кардан номумкин аст.

4. Дар матни диссертатсия гоҳ-гоҳ иштибоҳоти имлоию техникӣ ба назар мерасад. Чунин иштибоҳот аз ҳама бештар дар рӯйхати адабиёти хориҷӣ, бахусус фаронсавӣ дида мешавад. Баъзан калимаҳо тамоман хато ва нофаҳмо навишта шудаанд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд ва муҳтавои кор ба нуктаҳои асосии диссертатсия мувофиқ аст. Таълифоти нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» кори илмӣ - тахассусиест, ки дар он масъалаи муҳими фалсафӣ-иҷтимоӣ ва динӣ-таърихӣ ҳаллу фасл гардидааст. Умуман, диссертатсия дар дараҷаи баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯст ва муаллифаш барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ сазовор аст.

Тақриз дар маҷлиси васеи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз “27” августи соли 2024, суратҷаласаи №1 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлиси кафедра 16 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Султонзода С.А. омода карда шудааст.

**Омодакунандаи тақриз:**
д.и.ф., профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ **А.С. Султонзода**

**Раисикунанда:**
н.и.ф., мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ **Г. Саидова**

**Котиби ҷаласа:**
н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ **Ш. Бердиев**

Имзои д.и.ф., профессор А.С. Султонзода,
н.и.ф. Г. Саидова ва Ш. Бердиевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ **А. Мустафозода**

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе х. Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992 37) 2248313
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj Сомона: www.tgpu.tj